# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология.**

Диссертатсияи Қодирова Фирӯза ба яке аз масъалаҳои баҳсноки забоншиносии тоҷикӣ бахшида шуда, интихоби мавзӯъ актуалию саривақтист, зеро диссертант бори нахуст таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои забонии «Ҷаҳоннома»-ро, ки аз осори таҳқиқнашудаву то ҳол нашрнагардида ба ҳисоб мерафт, мавриди баҳс қарор додааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддимаи автореферат роҷеъ ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, ҳадаф ва усулҳои таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, сохтору ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Боби аввал «Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома» унвон дошта, диссертант гурӯҳҳои лексикӣ, яъне калимаҳои аслӣ ва иқтибосии таркиби асарро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бино ба тақсимоти муҳаққиқ вожаҳои аслии тоҷикӣ дар асар мавқеи назаррас дошта, аз рӯи хусусиятҳои маъноӣ ба 12 гурӯҳ ҷудо шудаанд. Ҳамчунин, дар таркиби луғавии асар калимаҳои иқтибосии арабӣ, юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ ва туркӣ корбаст шуда, аз ҷиҳати доираи истеъмол миқдори назарраси ин гурӯҳро арабизмҳо ташкил медиҳанд.

Унвони боби дуюми диссертатсия «Категорияҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома» буда, муаллиф хусусиятҳои маъноии калимаҳои таркиби асар – калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъноро дар доираи чаҳор фасл шарҳу баррасӣ намудааст. Дар ин боб таснифоти

калимаҳои муқобилмаъно вобаста ба маъно ва мансубияти забонӣ (тоҷикӣ – тоҷикӣ, арабӣ – арабӣ...) бисёр ҷолиб ва қобили қайд аст.

«Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор – боби сеюм буда, дар ин ҷо номҳои зиёди марбут ба шохаҳои гуногуни ономастика хеле мушаххасу ҷолиб таҳлилу баррасӣ ёфтааст, ки аҳамияти муҳимми илмиву амалии диссертатсияро бозгӯӣ мекунад. Аз ҷумла, таҳлилу баррасии антропоним ва этнонимҳо (зиёда аз 80 адад), топонимҳо (зиёда аз 600 адад) ва монанди инҳо, ки маҷмӯан 800 адад мебошад, аз ковишҳои амиқи муҳақиқи ҷавон дарак медиҳад.

Унвонҷӯ дар интиҳои кор аз таҳқиқи анҷомпазируфта хулосаҳои муҳими баровардаашро дар доираи 12 банд ҷамъбаст намудааст, ки мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Фишурдаи кори диссертатсионӣ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар анҷоми матни автореферат оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври мухтасар инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки дар муқаддима навгониҳои таҳқиқот тавассути рақамгузорӣ мушаххасан нишон дода шаванд.

2. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар ҷараёни далелорӣ на ҳамеша таносуб риоя гардидааст.

Дар умум, эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, мазмуни асосии авторефератро намекоҳонанд. Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррас буда, диссертант дар саросари диссертатсия барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқи худ ба ҷанбаи омории маводи «Ҷаҳоннома» диққат дода, ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Автореферати рисола бо забони фасеҳи илмӣ ба тавсиб расида, моҳияти мантиқии илмии мавзӯъро дар худ таҷассум мекунад ва кори бaaнҷомрасида маҳсуб меёбад.

Мақолаҳои интишорнамудаи Қодирова Фирӯза муҳтавои таҳқиқоти мазкурро пурра инъикос мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳонннома»-и Муҳаммади Бакрон» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016-ум, таҳти №505-ум тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** **Давлятова Ч.А.**

**Сана: 17.03.2021**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 169,**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**
**E-mail: Chinoroy1971@mail.ru**
**Тел.: 992 92 715 30 20**

**Имзои номзади илмҳои филологӣ Давлятова Чинорой Абдуллоевнаро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** **Маҳмудов Ш.У.**